**ПРОТОКОЛИ №9**

**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз «23» декабри соли 2023 ш.Бохтар

Муҳокимаи кори диссертатсионии Баротов Раҷабалӣ Тагоймуродович дар мавзуи «Асосҳои методии фаъолгардонии фаъолияти даркнамоии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни гузаронидани корҳои лабораторӣ бо истифодаи технологияи иттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03-Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ (математика).

**Роҳбарони илмӣ: Шерматов Нурмаҳмад –** доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи математикаи ҳисоборорӣ ва механикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Абдукаримов Маҳмадсалим Файзуллоевич-доктори илмҳои физика-математика,дотсенти кафедраи математикаи ҳисоборорӣ ва механикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Тақризи ташкилоти тақриздиҳанда:** Тақризи ташкилоти тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи Баротов Раҷабалӣ Тагоймуродович. бо имзои раиси ҷаласа номзади н.и.п.,и.в.,дотсент,декани факултаи физика-математика Самарадиннова З.С.,мудири кафедраи математика ва методикаи таълими он,н.и.п. и.в.,дотсент Сироҷиддини Давлаталӣ,мудири кафедраи методикаи таълими информатика,и.в. дотсент ,Сафаров С.С., котиби ҷаласа, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он,Убайдуллои А, дар ҷаласаи васеи кафедраҳои математика ва методикаи таълими он, методикаи таълими информатика муҳокима карда шуда бо имзои ректори донишгоҳ доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек аз 30 ноябри соли 2023 протоколи №4 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин, саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

**Шодиев Муҳаммад Султонзода-**доктори илмҳои педагогӣ, профессор, вакили маҷлиси намояндагони маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. **Назаров Аҳтам Пулотович-**номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи иттилооти ва комуникатсионии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддини Айнӣ».

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

**1.** Ҷураев Хайрулло Шарифович **-** доктори илмҳои физика-математика, профессори кафедраи мошинҳои ҳисобарор, системаҳова шабакаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.;

1. Сатторов Далерҷон Қурбонович.-н.и.п, муаллими калони кафедраи физикаи тиббӣ, биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионӣ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино;

2. Назаров Аҳтам Пулотович.-номзади илмҳои педагогӣ дотсенти кафедраи технология иттилоотӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; .

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Баротов Раҷабалӣ Тағоймуродович пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Баротов Раҷабалӣ Тағоймуродович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03-Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ (математика) сазовор мебошад.

Дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаҳое, ки шурои диссертатсионӣ оид ба кори диссертатсионии Баротов Р.Т. бо дарназардошти актуалӣ будани мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия, Шурои диссертатсионии 6D.KOA-048.

**Қарор мекунад:**

1. Кори диссертатсионии Баротов Р.Т., дар мавзуи «Асосҳои методии фаъолгардонии фаъолияти даркнамоии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумхурии Тоҷикистон зимни гузаронидани корҳои лабораторӣ бо

истифодаи технологияи иттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03-Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ (математика), ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ тибқи қарори хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти рақами №267 Низомнома оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферат ва корҳои чопшуда ҳаматарафа мундариҷаи асосии кори диссертатсияро инъикос менамояд.

3. Ба Баротов Раҷабалӣ Тағоймуродович. дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03- Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ (математика) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсионӣ оид ба додани илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Баротов Р.Т. аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03-Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ (математика)-ро дастгирӣ намоянд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ** **Ойматова Х.Х.**

Сардори шуъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

ҶМ